Муассисаи давлатии таҳсилоти олӣ

ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ТИББИИ ТОҶИКИСТОН

ба номи АБУАЛӢ ИБНИ СИНО

«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»
Ректори МД ТО ДДТТ
Ба номи Абӯалибни Сино
д.и.т., профессор М.Қ. Гулзода
_______________
«29» ________ с. 2018

# *НИЗОМНОМА*

## *Озмоишгоҳи кишти селлулаҳои бунёдӣ (ОКСБ)*

Душанбе, 2018

**Низомномаи мазкур дар асоси Кодекси дандурўстии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонунҳоии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», «Дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбӣ баъд аз муассисаи оллии таълимӣ», «Низомномаи намунавӣ оид ба муассисаи таълимии таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон», «оиннома»-и ДДТТ ба номи Абўалӣ ибни Сино ва дигар санадҳои меъёриву ҳуқуқии соҳавӣ таҳия шудааст.**

## I. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

1.1.Озхмоишгоҳи кишти селлулаҳои бунёдӣ (минбаъд ОКСБ номбурда мешавад) яке аз ҷузъи асосии таркиби сохтори омўзишӣ ва илмӣ-тадқиқтии ДДТТ ба номи Абўалӣ ибни Сино оид ба «Технологияи ҳуҷайравӣ» буда, идоракунандаи раванди масъалаҳои омўзиш ва корҳои илмӣ-тадқиқотӣ мебошад ва бевосита ба ректор ва муовини ректор оид ба илм ва нашрия, инчунин муовинони ректор оид ба таълим ва муолиҷа итоат мекунад.

1.2.ОКСБ дар асоси Қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои меъёриву ҳуқуқӣ ва фармоишҳои Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, дастуру супоришҳои ректори ДДТТ ба номи Абўалӣ ибни Сино, қарорҳои Шўрои олимони ДДТТ ба номи Абўалӣ ибни Сино ва низомномаи мазкур фаъолият мекунад.

1.3.ОКСБ аз рўи нақшаи тасдиқшудаи мавзуи фаъолияти худ амал мекунад.

1.4.Тадқиқотҳои илмии ОКСБ дар мувофиқа бо шўъбаи илм нашрия амалӣ мегарданд.

## II. ҲУҚУҚ ВА УҲДАДОРИҲОИ САРДОРИ ОКСБ

2.1.Ба фаъолияти ОКСБ бевосита сардори он роҳбарӣ менамояд. Сохтору ҳайати кормандони ОКСБ вобаста ба бастҳои вазифагӣ аз ҷониби ректор тасдиқ карда мешаванд.

Сардори ОКСБ дорои чунин ҳуқуқу салоҳиятҳо мебошад:

- ба тамоми корҳои ОКСБ роҳбарӣ намуда, аз бобати вазъу ҳолат ва натиҷаи фаъолияти омӯзиш ва корҳои илмӣ-тадқиқотии марказ масъул мебошад;

- корҳои таълимӣ ва илмӣ-тадқиқотии ОКСБ барои баррасӣ ба ректор ва шуъбаи илм ва корҳои табъу нашр муаррифӣ намуда, созмондиҳии онҳо, инчунин рафти иҷроишашонро роҳбарӣ мекунад.

- ташкил ва ба нақшагирии корҳои илмӣ-тадқиқотӣ-табобатро ваколатдор бошад.

-дастурамалҳои вазифавии кормандони ОКСБ-ро таҳия ва барои тасдиқ ба ректори донишгоҳ пешниҳод менамояд.

## III. ҲУҚУҚҲОИ МАРКАЗ

3.1.ОКСБ дорои чунин ҳуқуқҳо мебошад:

-ба даст овардани иттилоот, ки бевосита ба ҳуҷайрадармонӣ дахл дорад .

-ширкат варзидан дар конфронсу ҷаласа ва симпозиумҳо;

-робитаи бевосита ва ҳамкорӣ доштан бо муассисаҳое, ки кор бо табобати беморон мебаранд;

-иштирок, кӯмаки назариявӣ ва таҷрибавӣ намудан ба муассисаҳои тиббӣ;

- бо мурури ташкили шароити фароҳам,ҷамънамудан ва нигоҳ доштани ҳуҷайраҳои бунёдӣ барои корҳои илмӣ-тадқиқотӣ-табобатӣ;

-ташкил намудани курсҳои омӯзишӣ ва таъмин намудан бо сертификат.

## IV. ВАЗИФАҲО ВА СОЗМОНДИҲИИ ФАЪОЛИЯТИ ОКСБ

4.1. ОКСБ дар бахши самтҳои барояш тасдиқшуда омӯзиш, тадқиқотҳои назариявӣ ва таҷрибавиро ташкил намуда, бо кафедраҳо ва сохторҳои дахлдор ҳамкорӣ менамояд.

4.2.ОКСБ барои тайёр намудани мутахассисон оиди ба «ҳуҷайрадармонӣ» дар гирифтани маълумоти умумӣ шароит фароҳам меорад.

4.3.Барои донишӯёни ДДТТ ба номи Абӯалӣ ибни Сино ва ба донишҷӯёни дигар донишгоҳҳо дар асоси шартнома бо ДДТТ баноми Абӯалӣ ибни Сино, курсҳои омӯзишии асосҳои «ҳуҷайрадармонӣ» ташкил менамояд.

4.4.Нақшаҳои ҳарсолаи корҳои илмӣ-тадқиқотӣ ва курсҳои омӯзишӣ, натиҷаҳои умумӣ фаъолияти ОКСБ барои тасдиқ аз ҷониби ректор ба Шӯрои олимони ДДТТ ба номи Абӯалӣ ибни Сино пешниҳод карда мешаванд. Дар мувофиқа бо муовини ректор оид ба илм ва нашрия нақшаи корҳои илмиро омода намуда, дар мувофиқа бо муовини ректор оид ба таълим нақшаи курсҳои омузишии «ҳуҷайрадармонӣ»-ро омода менамояд.

4.5.ОКСБ вазифадор аст, ки супоришҳои донишгоҳ, Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии ҶТ-ро иҷро намояд.

## V. МАБЛАҒҲО, САРМОЯГУЗОРӢ ВА ТАЪМИНОТИ МОДДИЮ ТЕХНИКИИ ОКСБ

5.1.Маблағҳо, сармоягузорӣ ва таъминоти моддию техники ОКСБ аз сарчашмаҳои зайл ҳосил мешаванд:

-маблағҳои марбут ва буҷет, ки дар чаҳорчӯбаи фаслӣ хароҷотҳои муассисаҳои илмӣ ва омӯзишӣ аз рӯи сметаи дар пояи дархостҳои ДДТТ ба номи Абӯалӣ ибни Сино асосёфта ва нақшаи тасдиқгаштаи кору фаъолият;

-маблағ, лимит ва захираҳои моддӣ-техникӣ, ки вобаста ба иҷрои супоришҳою вазифаҳои махсуси ОКСБ, ки дар асоси буҷаи давлатӣ аз тариқи вазоратҳои дахлдор ва бар маблағ, лимит, захираҳои умумӣ ва маоши ниҳодҳои тобеи ДДТТ ба номиАбӯалӣ ибни Сино ҷудо карда мешаванд;

-маблағу лимитҳое, ки дар асоси шартнома аз фармоишдиҳанда ворид мешавад;

-маблағҳое, ки аз ҷониби ректори ДДТТ ба номиАбӯалӣ ибни Сино барои васеъ гардонидани пояи моддӣ-техникии ОКСБ, баланд бардоштани сатҳи дониш ва такмили ихтисоси кормандони ОКСБ;

-маблағҳое ки тариқи проект ва грантҳо аз тарафи ДДТТ ба номи Абӯалӣ ибни Сино ва ОКСБ ба даст оварда мешаванд.

5.2. Маблағгузорӣ фаъолияти ОКСБ тавассути муҳосиботи ДДТТ ба номи Абӯалӣ ибни Сино амалӣ гардонида мешавад.